**ВАЗИФАҲОИ ТЕХНИКИИ МУТАХАССИСИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ / мутахассис оид ба таҳияи нармафзор барои таъмини ҳамоҳангсозии техникии вазифаҳои марбут ба технологияҳои иттилоотӣ дар доираи лоиҳа**

## I. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

Ҳукумати Тоҷикистон аз Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ) барои татбиқи лоиҳаи “Модернизатсияи ҳифзи иҷтимоӣ ва фарогирии иқтисодӣ” грант ба маблағи 37,5 миллион доллари амрикоӣ гирифт.

Ҳадафи лоиҳа дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзи оилаҳои камбизоат ва осебпазир аз хавфҳо, мусоидат ба фарогирии иқтисодӣ ва такмили низоми ҳифзи иҷтимоӣ мебошад.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВММША) яке аз ду муассисаи татбиқкунандаи лоиҳа - якҷоя бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад.

ВММША масъулияти умумӣ барои татбиқи ҳама чорабиниҳо дар доираи Қисмҳои 2 ва 4.2 лоиҳа, аз ҷумла ӯҳдадориҳои фидусиарӣ хоҳад дошт. Гуруҳи идоракунии лоиҳа (ГИЛ), ки дар дохили Вазорат таъсис дода мешавад, фаъолияти ҳаррӯзаи лоиҳаро пеш бурда, мусоидати техникӣ, молиявӣ ва харид, кафолатҳо ва равандҳои мониторинг ва арзёбии ду қисм (2 (2.1, 2.2, 2.3) ва 4 ( 4.2)) лоиҳаро ба уҳда мегирад.

## II. ҲАДАФИ ВАЗИФА

Мутахассиси мазкур барои татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва дигар ҷанбаҳои техникии системаи иттилоотии Вазорат ва сохторҳои он масъул мебошад. Мутахассис инчунин барои равандҳои дахлдори реинженерии ташкилӣ масъул аст. Илова бар ин, мушовир лоиҳаро бо дигар мутахассисони IT, ки дар фаъолияти техникӣ ҷалб шудаанд, ҳамоҳанг месозад. Ҳаҷми кор инчунин вазифаҳои зеринро дар бар мегирад:

- ✓ Иштирок ва назорати раванди таҳияи нармафзор барои базаи модули нармафзори автоматикунонӣ дар Вазорат, Агентӣ ва Хадамоти муҳоҷират, ки дар доираи Лоиҳа ба нақша гирифта шудаанд (аз ҷумла таҳия ва нигоҳдории Системаи иттилоотии бозори меҳнат (СИБМ) бо феҳристи бекорон ва муҳоҷирони меҳнатӣ);

- ✓ Таҳияи лоиҳаҳои вазифаҳои техникӣ барои мутахассисони масъул ба таҳияи нармафзор;
- ✓ Мониторинги раванди таҳияи нармафзор ва иштирок дар қабули корҳо;
- ✓ Таҳияи талаботи техникӣ ба биноҳо барои таҷҳизоти сервер;
- ✓ Таъмини фаъолияти дурусти таҷҳизоти сервер;
- ✓ Санҷиши нармафзор, иштирок дар коркард, такмил ва ислоҳи хатогиҳо;
- ✓ Ташкил намудани раванди таълим барои кормандон дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ноҳиявӣ барои истифодаи Системаи иттилооти бозори меҳнат ва реестрҳо;
- ✓ Мониторинги пешбурди феҳристи муҳоҷирони меҳнатӣ ва феҳристи бекорон
- ✓ Иштирок дар гузаронидани таълим ба шахсони масъули Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Хадамоти муҳоҷират, нерӯҳои марзбонӣ.
- ✓ Таҳияи вазифаҳои техникӣ барои зерпудратчиён (фирма(ҳо) ва мушовир(ҳо)-и инфиродӣ), ки барои таҳияи нармафзор ва ИТК (иттилоот, коммуникатсия ва технология) масъуланд;
- ✓ Ташкил намудани чорабиниҳо оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ, таҳаммулпазирӣ ба хатогиҳо ва нигоҳдории фаъолияти қисмҳои таҷҳизот ва нармафзори системаи иттилоотӣ;
- ✓ Ташкил намудани чорабиниҳои таъминоти техникӣ ва нигоҳдорӣ барои рафъи мушкилоти техникӣ дар сатҳи марказӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ;
- ✓ Дигар супоришҳое, ки аз менеджери лоиҳа дода мешаванд.

Ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги иҷрои кафолати сифат.

## III. ДОИРАИ ФАЪОЛИЯТ

Мутахассис дар доираи лоиҳа татбиқи тадбирҳоро оид ба таҳия ва татбиқи қарорҳои техникӣ таъмин менамояд. Мутахассис бо дастаи таҳияи нармафзор, татбиқи нармафзор ва фурӯши таҷҳизот ҳамкорӣ менамояд. Илова бар ин, масъулияти зеринро дорад:

- ➢ Ҳамкорӣ бо шарикон (мушовирон ва таъминкунандагон) бо мақсади пешниҳоди мушаххасоти нармафзор ва сахтафзор;
- ➢ Таҳия ва/ё иштирок дар таҳияи супоришҳои техникӣ ва шартҳои техникӣ;
- ➢ Ҳамоҳангсозии татбиқи нармафзор ва таҷҳизот;
- ➢ Назорат ва таъмини фаъолияти дурусти маҳсулоти нармафзор, ки мувофиқи талаботи аслӣ таҳия шудааст.

## IV. ТАЛАБОТИ ҲИСОБОТӢ ВА МУҲОСИБОТӢ

Мутахассис дар давоми татбиқшавии лоиҳа (солҳои 2023 - 2026) қабул карда шуда, шаш моҳи фаъолияти аввал давраи озмоишӣ ба ҳисоб меравад.

## V. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ

- Маълумотӣ олӣ дар соҳаи информатика, математика ё соҳаи марбут;
- Таҷрибаи на камтар аз 6 сол дар соҳаи иттилоот, коммуникатсия ва технология дар созмонҳои давлатӣ ё байналмилалӣ;
- Таҷрибаи амиқ бо VMware, системаҳои оператсионии Microsoft ва инфрасохтори шабакавии Cisco;
- Дониш ва маҳорати идоракунӣ ва нигоҳдории базаҳои иттилоотӣ;
- Донистани забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, донистани забони англисӣ бартарият ҳисобида мешавад.

**Тартиби қабул**

**Ҷойгиршавӣ**

Вазифаи мазкур дар Гуруҳи Идоракунии Лоиҳа, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Душанбе ҷойгир буда, ба таври доимӣ фаъолият менамояд.

**Довталабон бастаи ҳуҷҷатҳои зеринро шахсан бояд пешниҳод намоянд:**

- Ариза барои қабули ҳуҷҷат ба номи Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- CV ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бояд маълумоти пурра дар бораи таҳсил ва таҷрибаи корӣ дошта бошад)
- Тавсияномаҳо бо қайди рақамҳои тамос аз шахсони тавсиякунанда
- Нусхаи диплом дар бораи маълумоти олӣ
- Нусхаи шаҳодатномаҳои таҳсилоти иловагӣ ё иштирок дар семинару тренингҳо
- Нусхаи шиноснома (ҷои бақайдгирӣ, ТИН)

Ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида бояд дар лифофаи пӯшида бо қайди вазифа ва номи номзад ба суроғаи зерин пешниҳод карда шаванд: ш. Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ 5/2, ба Раёсати ҳуқуқ ва сиёсати кадрҳо, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ ба рақамҳои зерин тамос гиред: +992 37 250 32 34 ё почтаи электронӣ: info@mehnat.tj

Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо то 21 сентябри соли 2023 то соати 16:00